# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.09.2025, №66**

Барои сазовор донистани Қурбонов Вафо Намозалиевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 07 июли соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №85 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Қурбонов Вафо Намозалиевич 01 январи 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Қурбонов Вафо Намозалиевич соли 2016 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси кори бонкӣ хатм намудааст. Қурбонов Вафо Намозалиевич соли 2016 ба зинаи магистратураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси кори бонкӣ соли 2018 хатм намудааст. Солҳои 2021-2024 докторанти (PhD) кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони маҷмуиро бомуваффақият супоридааст.

Қурбонов Вафо Намозалиевич ҳоло ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия ва ҳисобдории Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Қурбонов В.Н. дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28.02.2022, протоколи №7/5.12 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқarrизони расмӣ:**

**Умаров Хоҷамаҳмад -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Қурбонова Фирӯза Алиҷоновна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии МДТ «Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд» ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.

**Муассисаи пешбар:**

Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи молия ва қарз Вазирзода Д.Р. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №1, аз 28.08.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода М.В. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса шудааст, ки диссертатсияи докторант (PhD) Қурбонов В.Н. дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қурбонов Вафо Намозалиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:

[1-М]. Қурбонов В.Н. Пули миллӣ ва рушди иқтисодиёти мамлакат. //Паёми молия ва иқтисод. Соли 2022. № 4/2 (34) Саҳ. 167-171. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Махшулов С.Ҷ., Қурбонов В.Н. Ҳадафгирии тавррум ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Паёми молия ва иқтисод. Соли 2022. № 2/1.S (31). – С. 143-154. ISSN2663-0389.

[3-М]. Қурбонов В.Н. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Соли 2023. № 4/1 (38). – С. 177-185. ISSN2663-0389.

[4-М]. Қурбонов В.Н. Механизмҳои танзими таваррум ва сиёсати зиддитаваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Паёми молия ва иқтисод. Соли 2023. № 4/2 (39). – С. 313-320. ISSN2663-0389.

[5-М]. Қурбонов В.Н. Танзими таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба иқтисодиёт. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Соли 2024. № 6. Қисми 2 – С. 66-73. ISSN2413-5151.

[6-М]. Қурбонов В.Н. Оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таваруррум ва механизмҳои паст кардани шиддати таъсири манфии он. //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. №1 (51). Соли 2024. №1 (51). – С. 134-142. ISSN 2308-054.

**Дар дигар нашрияҳо**

[7-М]. Қурбонов В.Н. Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии таваррум ва механизмҳои паст кардани шиддати таъсири манфии он. /Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ», бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) (01.04.2024). Саҳ. 374-381.

[8-М]. Қурбонов В.Н. Ҳолат ва вазъияти сиёсати пулию қарзӣ ва тавррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ», бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) (01.04.2024). Саҳ. 374-381.

[9-М]. Қурбонов В.Н. Ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии таваруррум ва механизмҳои паст кардани шиддати он. /Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ (ш.Душанбе, 7-уми декабри соли 2023) - Душанбе, ДДМИТ. Саҳ – 317-320.

[10-М]. Қурбонов В.Н. Равандҳои таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт" (18-19-уми апрели соли 2024. – Душанбе, 2024. –С. 256-261.

[11-М]. Қурбонов В.Н. Заминаҳои назариявӣ ва методологии пайдоиши таваррум дар иқтисодиёт. Маводи конференсияи илмӣ таҳти унвони «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм, (ш. Кӯлоб, 10 феврали соли 2023) Саҳ. 250-253.

[12-М]. Қурбонов В.Н. Таварруми ва таъсири он ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ. /Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо» (ш. Душанбе 11-уми марти соли 2023). Саҳ.135-142.

[13-М]. Қурбонов В.Н. Хусусиятҳо ва ҷараёнҳои тағйирпазирии таваррум ва таъсири он ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ. /Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муаммоҳо ва

дурнамои рушди бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» Бахшида ба 100-умин солгарди таъсисёбии мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 07-уми декабри соли 2024). Саҳ-335-339

[14-М]. Қурбонов В.Н. Ҳолат ва вазъияти сиёсати пулию қарзӣ ва таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Маводҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ». (ш. Душанбе, 22-27-уми апрели соли 2024). Саҳ.96-102.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ҷабборов Абдусаттор – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Моҳиятан таҳқиқоти илмӣ босифат мешуд, агар муаллиф вобастагии таваррумро вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод.

2. Вобаста ба баррасии заминаҳои бавуҷудоии таваррум, сифати кор беҳтар мегардид, агар докторант (PhD) заминаҳои эҳтимолии таваррумро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод.

**2. Мирсаидов Аврор Бобоевич-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ҷонишини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Аммо, ба назари мо дар маҷмӯйи равишҳои гуногуни илмию-методологӣ кадоминаш ба шароити муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат муваффақтар аст. Асоснок карда нашудааст.

2. Илова бар ин дар сарсухани кор мубрамият ва ҳадафи таҳқиқот мушахассу дақиқ нашудааст.

**3. Бобоев Олимҷон Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Агар муаллиф тафсири назариявии таваррумро ба таври соддаву фаҳмо баён менамуд ва омилҳои пайдоиши он ба таври возеҳу равшан зина ба зина ҷудо карда мешуд, сифати кор беҳтар мегардид;

2. Ба манфиати кор мешуд, агар аз тарафи муаллиф як қатор нархҳои молҳои ватанӣ ва хориҷӣ муқоиса гардида, дар натиҷа як пешниҳоди мушаххас барои танзими нарх пешниҳод мегардид.

**4. Султонов Абдураҳмон Неъмонович – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллифи рисола дар доираи имкониятҳои иқтисодии кишвар ҳиссаи таваррумро вобаста ба номгӯи молҳои дохилӣ ва ҳиссаи молҳои воридотӣ муайян менамуд;

2. Таҳқиқот бурд мекард, агар муаллиф дар зербоби алоҳида дар баробари ҷанбаҳои манфии таваррум баъзе ҷанбаҳои мусбии онро, ки хосияти муваққатӣ доранд, баррасӣ менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест. Ташаккур, ба диққататон!

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мукаммалсозии низоми молиявӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияе коркард шудааст,*** ки дар ҳама шароит таваррум ҳамчун падидаи номатлуби иқтисодӣ, ки метавонад як қатор муаммоҳоро ба миён оварад, аз тарафи муаллиф вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи таркибӣ ва дар сатҳи умумӣ таҳлилу баррасӣ гардида, роҳи ҳалли худро ёфтааст. Ҳамчунин аз тарафи муаллиф як қатор мушаххасоти имконпазири танзими таваррум, дар сатҳи бехатар нигоҳ доштани он ва гирифтани пеши роҳи болоравии таваррум пешниҳод шудаанд. Ҳамчунин вобаста ба заминаҳои бавуҷудоии таваррум аз тарафи муаллиф як қатор омилҳои таъсиррасон бо дарназардошти гирифтани пеши роҳи таъсири манфии таваррум пешниҳод шудааст.

- ***пешниҳод шудааст:*** а) таърифи муаллиф вобаста ба имкониятҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои бавуҷудоии таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодӣ пешниҳод гардидааст, ки чунин пешниҳодҳо хоси имконот ва иқтидорҳои Тоҷикистон мебошанд; б) аз тарафи муаллиф механизм ва роҳҳои баромадан аз вазъи ногувори таваррум ва паст кардани шиддати он, модели сиёсати идоракунии таваррум вобаста ба нигоҳ доштани мувозинати рушди иқтисодӣ коркарду пешниҳод шудааст;

- ***исбот шудааст:*** 1) дар ҳолати назорати қатъӣ бурдан аз рӯи заминаҳои бавуҷудоии таъсири омилии он, сатҳи идоракунӣ ва дигар ҷараёнҳои ба таваррум хос дар асоси иқтидорҳои иқтисодӣ имконпазир мегардад; 2) дар сурати фаъол будани механизмҳои истеҳсолӣ бамаротиб зиёд кардани монетизатсия ба болоравии таваррум боис намегардад; 3) омилҳои пулӣ ва сунъии таваррумро дар сурати фаъолгардонии истеҳсолоти дохилӣ ва маҳдуд кардани молҳои воридотии ба таваррум таъсиррасон дар ҳаддӣ қариб 100% идора кардан имконпазир мебошад.

- ***омилҳо ва мушкилоти асосӣ*** вобаста ба идораи босамари таваррум дар сатҳи рушди иқтисодиёт нобаробарии истеҳсолоти мавсимӣ, бидуни ба назар гирифтани сатҳи нархҳо, бидуни ба назар гирифтани арзиши

аслии маҳсулот, боло бурдани нархҳо, монополияи нархӣ, дар сатҳи нокифоя қарор доштани техника ва технологияи муосир, давомнок набудани давраи истеҳсолот, сатҳи пасти монетизатсия, худсарона ё бо омилҳои сунъӣ болобардории таваррум. таҳқиқ ва мушаххасоти идоракунии онҳо пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқарраротии*** таҳқиқот дар пояи се фарзияи асосӣ, ки ҳассосиятҳои таваррумӣ ва рушди иқтисодиётро дар бар мегирад: 1) Баланд гардидани ҳавасмандии истеҳсолкунандагони дохилӣ ва дар як давраи муайян маҳдуд шудани молу маҳсулоти воридотӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2. Дар як ҳолати мутавозин нигоҳ доштани мувозинати меъёрӣ ва мувофиқашудаи таваррум дар сатҳи минималии таваррум 4% ва дар сатҳи максималии он 5%; 3. Ба ҳисоби миёна дар сатҳи 5 то 10% зиёд намудани сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- ***исбот шудааст,*** ки дар сурати фаъол будани механизмҳои истеҳсолӣ ва ба таври баробар рушд кардани истеҳсолот, дар сатҳи минтақаҳои кишвар барзиёдии пули дар муомилотбуда боиси болоравии таваррум намегардад. Ғайр аз ин, рушди сатҳи монетизатсия на ба болоравии таваррум, балки ба рушди истеҳсолот мусоидат менамояд.

- ***консепсияи*** муаллифии раванди идоракунии таваррум вобаста ба механизмҳои мавҷудаи таваррум дар заминаи омилҳои гуногуни бавуҷудой ошкору пешниҳод карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок:** роҳҳои самараноки идоракунии таваррум коркард гардида, дар заминаи ин як қатор муаммоҳое, ки идоракунии он дар шароити муосир шарти зарурӣ мебошад, мушаххасан пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин, муаллиф хусусиятҳои гуногуни таваррумро бо дарназардошти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба таври ҳадафманд муайян ва пешниҳод намудааст.

- ***баён шудани*** а) зарурати гирифтани пеши роҳи болоравии таваррум дар заминаи рушди афзорҳои иқтисодӣ ва бо ин роҳ боло бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ; б) коркардҳои дурусти мантиқӣ дар шароити боздорандагии омилҳои ғайрипулии таваррум тавассути омилҳои истеҳсолӣ; в) дар сатҳи зарурӣ нишон додани омилҳои таваррумӣ ва пешниҳоди механизмҳои имконпазири идоракунии таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- ***ошкор гардидани*** таъсири манфии таваррум дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ, ки онҳо бевосита вайрон кардани мувозинатҳои иқтисодиро дар дохили кишвар дар бар мегиранд.

- ***исбот шудааст,*** ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Тоҷикистон роҳи ягонаи баромадан аз вазъияти ногувори таваррумӣ ба таври ҳадафманд зиёд намудани ҳаҷми маблағгузорию қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ва дар заминаи ин фаъол гардонидани бахши воқеии иқтисодиёт мебошад. Вобаста ба ин, аз тарафи муаллифи рисола пешниҳод шудааст, ки новобаста аз ҷой доштани мушкилотҳо ва

таъсири ҳар гуна омили манфӣ ба рушди иқтисодиёт, сатҳи бопултаъминкунии иқтисодиёт ҳамчун ҳадафи асосӣ ва доимӣ бошад.

- *аз нав такмил* додани механизмҳои мусоири идоракунии таварррум ба он боис мегардад, ки бозори дохилӣ ба таври доимӣ ғанӣ гардида, рушди иқтисодиёт таъмин ва сатҳи нархҳо ба таври чашмрас коҳиш меёбанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)** натиҷаҳои корро дар рафти таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ вобаста ба босамаргардонии рушди истеҳсолот ва дар сатҳи бозорҳои дохили нигоҳ доштани мувозинати нархҳо истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

***тавсияҳои методӣ ва амалии*** диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ донишгоҳу пажуҳишгоҳҳо ва амалии бахши ниҳодҳои бозорӣ истифода гарданд. Паҳлуҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими фанҳои тадрисшаванда дар макотиби олии кишвар аз фанҳои «Молия», «Муомилоти пул ва қарз», «Фаъолияти бонкӣ», «Макроиқтисод», «Пул, қарз, бонк»-и донишҷӯён ва магистрантҳои донишгоҳҳо мавриди истифода қарор гиранд.

- ***стратегияи*** таварруми пул ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт коркард гардидааст, исбот карда шудааст, ки дар сурати афзоиши сатҳи монетизатсия таварруми пул паст ва сатҳи рушди иқтисодиёт баръакс таъмин карда мешавад.

- ***пешниҳод шудааст:*** дар сурати баланд гардидани ҳавасмандии истеҳсолкунандагони дохилӣ ва дар як давраи муайян маҳдуд шудани молу маҳсулоти воридотӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи рушди иқтисодиёт аз меъёри муқаррарии солҳои гузашта ба андозаи 2 банди фоизӣ зиёд мегардад; б) собит карда шуд, ки дар сурати ба ҳисоби миёна дар сатҳи 5 то 10% зиёд намудани сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисодиёт то 10% таъмин мегардад;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

-***ғояи таҳқиқот*** аз алоқамандии мусбии ҳамоҳангии рушди иқтисодиётро бо захира ва сарчашмаҳои молиявӣ бармеояд. Ин фарзия таъсири мусбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро бо боло гирифтани афзорҳо ва механизмҳои истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

-***самтҳои*** рушди устувори иқтисодӣ дар заминаи сатҳи монетизатсияи ҳадафманд бидуни болоравиии таваррум коркарду пешниҳод шудааст, ки дар сурати риояи як қатор меъёрҳои пешниҳодгардида дар кишвар имконпазир мегардад. Дар баробари ин, тавсияҳо оид ба рушди сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини суботи сартосарии иқтисодиёти миллӣ пешниҳод карда шудаанд.

- ***методологияи*** амалии диссертатсия метавонад дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии бахши воқеи иқтисодиёт истифода карда шаванд. ***Пешниҳод шудааст, ки*** дар шароти имрӯза маблағгузорӣ ва афзоиши монетизатсияи иқтисодӣ роҳи ягонаи нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳо ва таваррум мебошад.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи тавсияҳо, раванди таҳқиқот, усулҳои илмии умумӣ ва усулҳои шинохта, аз ҷумла, таҳлил, усули абстрактӣ ва конкретӣ, усули расмикунонӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳангоми коркард ва ба низом даровардани маълумот усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва экспертӣ, инчунин усулҳои гурӯҳбандӣ истифода шудаанд.

***- исбот шудааст, ки*** дар сурати истифодаи дурусти механизмҳои пешниҳодгардида ва риояи меъёрҳои мавҷудаи он, як қатор имкониятҳои нави рушд фароҳам гардида, таваррум дар сатҳи минималӣ ба таври давомдор нигоҳ дошта мешавад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 78,97% ва автореферати он 94,21% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:** тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асоснокқунии таварруми пул ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт, равандҳои идоракунии таварруми пул дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда шудааст.

- дар омода ва нашр кардани 14 мақолаи илмӣ, ки аз ҷумла 6 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалсозии низоми молиявӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 8.4, 8.6, 8.7, 8.10, 8.11, 8.12, 11.9-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 15.09.2025 қарори сазовор донистани Қурбонов Вафо Намозалиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар

аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**15 сентябри соли 2025**